**Қарори № 14** аз 26 декабри соли 2020

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба қабули рисолаи номзадии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи "Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои ҳимоя

**Раис:** Аз шумораи умумии 19 нафари аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба додани дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси - 13.00.02 -Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) -и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 15, аз 27 апрели соли 2017 тасдиқ шудааст, 16 нафар аъзо иштирок доранд, аз онҳо 10 нафар докторон аз рӯйи ихтисос мебошанд. Оид ба огоз намудани ҷаласа пешниҳод ҳаст?

Пешниҳод шуд, ки шӯро ба кор оғоз намояд. Кӣ тарафдори он, ки шӯро кори худро оғоз намояд, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бетараф- нест. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**Рӯзнома**:

Оид ба қабули рисолаи номзадии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи "Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои ҳимоя.

Кӣ тарафдори рӯзномаи ҷаласа, хоҳишмандам овоз диҳед. Рӯзнома якдилона қабул шуд.

Барои пешниҳоди хулосаи комиссияи экспертӣ ба рисолаи номзадии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи "Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" сухан ба раиси комиссияи экспертӣ д.и.п., профессор Раҳимзода Х дода шуд.

**Раҳимзода Х**: Комиссияи экспертӣ дар хулосаи худ қайд намудааст, ки доираи таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи "Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба иҷозатномаи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст. Рисола ба талаботҳои муқарраргардидаи КОА -и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаҳои номзадӣ,

ки дар бандҳои 12, 13, 14, 15- ва 16-и Низомномаи Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 “ Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия дода мешавад.

**Раис:** Ба раиси комиссияи экспертӣ оид ба хулосаи экспертӣ савол доред? Савол нест.

**Раис:** Ташаккур. Ба мо лозим аст, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбарро ба диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович муайян ва таъин намоем. Чӣ гуна таклифу пешниҳодҳо ҳастанд?

Пешниҳод гардид, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Шербоев Саидбой -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улугзода.

**Пиров Қурбои-** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Раис:** Кӣ тарафдори пешниҳоди мазкур, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Пешниҳод якдилона қабул гардид. Ташаккур.

**Раис:** Пешниҳод гардид, ки ҳимояи рисолаи номзадии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович санаи 17 апрели соли 2021, соати 10.00 таъин гардида, барои чопи автореферат иҷозат дода шавад. Хоҳишмандам овоз диҳед.

Тарафдор? – 16 нафар.
Муқобил? – нест.
Бетараф? – нест.
-Якдилона қабул шуд.

**Раис:** Ташаккур. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ оид ба қабул ба ҳимояи диссертатсияи номзадии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович пушида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ** **Сайфуллоев Х.Ғ.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ** **Дадобоева М.С.**